5.2.3. Иқтисодиёти регионалӣ ва соҳавӣ
5.2.3. Региональная и отраслевая экономика
5.2.3. The regional and national economy

УДК 332.1
ББК 65.04

# ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТАНЗИМИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ ДАР МИНТАҚА

***Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ, (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: Khon1974@mail.ru*
***Саиджонов Содикжон Шарифжонович*** *- муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ, (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: S.Saidjonov78@mail.ru*

# СОЦИАЛЬНО – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ В РЕГИОНЕ

***Абдукодиров Хайрулло Абдусаломович*** *– доктор экономических наук, доцент кафедры экономической теории ТГУПБП, (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: Khon1974@mail.ru*
***Саиджонов Содикжон Шарифжонович*** *-старший преподаватель кафедры бухгалтерский учет ТГУПБП, (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: S.Saidjonov78@mail.ru*

# SOCIO-ECONOMIC ASPECTS OF REGULATION OF INCOME OF THE POPULATION IN THE REGION

***Abdukodirov Khairullo Abdusalomovich*** *- Doctor of Economics, Assistant Proffessor of the Department the Economic Theory of TSULBP, (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: Khon1974@mail.ru*
***Saidzhonov Sodikzhon Sharifzhonovich*** *- Senior Teacher of the Department Accounting, TSULBP, (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: S.Saidjonov78@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *даромади аҳолӣ, тафриқаи даромад, механизми танзим, усулҳои танзим, сатҳи зиндагӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ*

*Дар мақола масъалаҳои танзими ҷанбаҳои иҷтимоӣ- иқтисодии танзими даромади аҳолӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши вазъи даромади аҳолии кишвар ва минтақаҳо дар давраиислоҳотҳои иқтисодӣ, зарурати танзими давлатии даромади аҳолӣ бо мақсади коҳиши фарқгузории беасос асоснок карда шудааст. Усулҳо ва фишангҳои танзими даромади аҳолӣ, ки самтҳои мухталифи иҷтимоӣ – иқтисодии сиёсати минтақавиро тавсиф медиҳанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Механизми танзими даромади аҳолӣ тавассути шаклҳо ва фишангҳои буҷетӣ, андозӣ, пулӣ – қарзӣ ва ниҳодӣ кушода дода шудааст.*

*Барои баландбардории даромади аҳолӣ ва сатҳи зиндагӣ муаллифон андешидани чораҳои умумиқтисодӣ, ба монанди мусоидат намудан ба шуғлнокӣ, баландбардории музди меҳнат, такомулдиҳии сиёсати андозӣ, баробар намудани сатҳи рушди иҷтимоӣ - иқтисодии минтақаҳоро пешниҳод намудаанд.*

***Ключевые слова:*** *доходы населения, дифференциация доходов, механизм регулирования, методы регулирования, уровень жизни, социальная защита, социальное партнёрство.*

*В статье анализируются социально – экономические аспекты регулирования доходов населения в регионе. На основе изучения состояния доходов населения страны и регионов,*

*сложившиеся в период экономических реформ, обоснована необходимость государственного регулирования доходов населения с целью устранения необоснованной дифференциации. Рассмотрены методы и инструменты регулирования доходов, характеризующие различные социально – экономические направления региональной экономической политики. Раскрыт механизм регулирования доходов населения посредством бюджетного, налогового, денежно – кредитного и институциональных форм и инструментов.*

*С целью повышения доходов и уровня жизни, авторы предлагают принятия общеэкономических мер, таких как содействие занятости, повышение заработной платы, совершенствование налоговой политики, выравнивание социально – экономического развития регионов.*

***Key words:*** *income of the population, income differentiation, regulatory mechanism, regulatory methods, standard of living, social protection, social partnership.*

*The article analyzes the socio –economic aspects of regulating the incomes of the population in the region. Based on the study of the state of incomes of the population of the country and regions that developed during the period of economic reforms, the necessity of state regulation of incomes of the population in order to eliminate unjustified differentiation is justified. The methods and instruments of income regulation characterizing various socio–economic directions of regional economic policy are considered. The mechanism of regulating the incomes of the population through budgetary, tax, monetary and institutional forms and instruments is disclosed.*

*In order to increase incomes and living standards, the authors propose the adoption of general economic measures, such as promoting employment, raising wages, improving tax policy, leveling socio–economic development of regions.*

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми давлатии ташаккули даромади аҳолӣ ва низоми аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъминоти иҷтимоии кулли аҳолӣ ба принсипҳои бозории ташаккулии даромади шаҳрвандон ба таври ногузир тағйиротҳои ҷиддиро дар тамоми низоми даромади аҳолӣ ба миён оварданд. Ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар ба ташаккули тамоюли номусоиди нобаробарии устувор ё тафриқаи назарраси даромадҳо дар ҷамъият оварда расониданд.

Дар ҷамъият табақабандӣ ва нобаробарии даромадҳо, афзоиши шумораи бекорон ва оилаҳои камбизоат, муҳоҷирати рӯзафзуни меҳнатии аҳолӣ, коҳишёбии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба амал омаданд. Ҳамаи ин муаммои танзими равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро муҳим мегардонад, ки дар доираи он масъалаҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ аҳамияти муҳимро ба худ касб менамояд.

Тафриқаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи сатҳи зиндагӣ муаммои муҳимро ифода намуда, аз ҳалли он дар бисёр ҳолатҳо устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвар вобастагӣ дорад. Пурзӯр гардидани фарқгузориҳо дар рушди иқтисодии минтақаҳо, моҳиятан, яке аз таҳдидҳои бехатарии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Гуногун будани фазои иқтисодии таърихан ба миён омадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохти давлатдорӣ, стратегия ва тактикаи ислоҳотҳои институтсионалӣ ва сиёсати иҷтимоӣ - иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад. Аз ин лиҳоз, афзоиш ё коҳиши ин фарқиятҳо аз бисёр нуқтаҳои назар аҳамияти муҳимро дорад.

Ба фикри мо, фарқгузорӣ дар якҷоягӣ бо афзоиши зуҳуротҳои бӯҳронӣ дар иқтисодиёт ва гузариши минбаъда ба иқтисоди бозорӣ пурзӯр гардид, ки инро бо се маҷмуи сабабҳо маънидод намудан мумкин аст:

- амалигардии механизми рақобати бозорӣ, ки минтақаҳоро аз рӯйи афзалиятҳо ва камбудиҳо дар рақобат ҷудо гардонид;
- суст гардидани нақши танзимотии давлатӣ, ки дар коҳиши сармоягузориҳо ба рушди минтақаҳо ва маблағҷудокуниҳо ифода ёфт;
- ба вуҷуд омадани нобаробарии воқеии минтақаҳои кишвар дар муносибатҳои иқтисодӣ бо ҳокимияти марказӣ.

Коҳиши тафовутҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ шароитҳои мусоидро барои ташаккули менталитети миллӣ дар сатҳи нисбатан баланд, мустаҳкам гардидани ягонагии давлатдории миллӣ, рушди бозори ватанӣ, ҳамоҳангсозии ислоҳотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

мусоидат менамояд. Баръакс, пурзўр гардидани тафовутҳо ягонагии ҷамъият ва давлатро заиф мегардонад, татбиқи сиёсати ягонаи ислоҳотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташаккули бозори умумимиллиро суст гардонида, таҳдидҳои бўҳронҳои минтақавӣ ва низоъҳои байнимиинтақавӣ, пароканда гардидани иқтисодиёти миллиро афзун мегардонад.

Сиёсати давлатии афзоиши некўаҳволӣ қисми таркибии сиёсати иҷтимоӣ буда, бо сиёсати иқтисодӣ ба таври зич алоқаманд аст ва амалҳои мутақобиларо байни субъектони хоҷагидор оид ба таъмини сатҳи мўътадили ҳаёти одамон, ки ба сатҳи рушд ва дараҷаи қонеъгардии талаботҳои асосии фардиятҳо асос меёбад. Дар сиёсати давлатӣ якчанд ҷанбаҳои муҳими иҷтимоиро ҷудо намудан мумкин аст, ки аз рўйи онҳо таъсири танзимотии давлат ба амал оварда мешавад, аз ҷумла сиёсати даромад ва истеъмолоти шахсии оилаҳо; сиёсат дар соҳаи такрористеҳсоли аҳолӣ, қувваи корӣ ва шуғлнокӣ; сиёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сиёсати рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ.

Дар ҳаёту зиндагии шаҳрвандон даромад аҳамияти муҳимро дорад, зеро сарчашмаи қонеъ гардонидани талаботҳои мухталифи онҳо ба ҳисоб меравад. Бешубҳа, зери ин истилоҳ омили махсуси некўаҳволӣ барои таъминнокии аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ ва хадамотҳои зарурӣ, дараҷаи ноилшудаи истеъмоли онҳо ва дараҷаи қонъегардонии талаботҳои мақсаднок дар назар дошта мешавад. Арзёбии пулии неъматҳо ва хадамот бошад, арзиши зиндагиро ифода менамояд, ки дар хоҷагии хонавода дар давоми фосилаи муайяни вақт ба таври воқеӣ истеъмол гардидаст ва ба дараҷаи қонеъгардонии талаботҳо мувофиқ аст.

Дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш таъсири давлатӣ, ки маҳз тавассути он давлат метавонад танзими давлатии иқтисодиёти оилавиро ба таври самаранок ба роҳ монад, ба самти хеле муҳим табдил меёбад. Дар натиҷа, самараи баръакс ба вуқўъ мепайвандад, ки он ҳам ба манфиати давлат ва ҳам ба манфиати хоҷагии хонаводагӣ аст. [8, с. 70] Танзими даромади аҳолиро ба амал оварда, давлат усулҳо ва фишангҳои гуногунро мавриди истифода қарор медиҳад, ки вобаста аз шароитҳои муайян, имконоти моддии давлат, таҷрибаи танзим ва дигар шароитҳо тағйир меёбанд. Тавассути усулҳои истифодашаванда, давлат функсияҳои танзимотии худро татбиқ намуда, ба мақсадҳои гузошташуда ноил мегардад.

Сиёсати иҷтимоии минтақа яке аз самтҳои фаъолият оид ба танзими шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти ҷамъият мебошад. Сиёсати иҷтимоии минтақа фаъолияти мақсадноки минтақа буда, мақсади коҳишдиҳии тафриқаи даромадҳо, сабук гардонидани мухолифат байни иштирокчиёни иқтисодиёти бозорӣ ва пешгирӣ намудани низоъҳои иҷтимоӣ дар заминаи иқтисодиро дорад ва маҷмуи чораҳои иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, корхонаҳо, ташкилотҳо, мақомотҳои маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки ба ҳимояи аҳолӣ аз бекорӣ, афзоиши баландшавии нархҳо ва ғ. мебошад. Дар иқтисодиёти бозорӣ тавассути сиёсати иҷтимоии минтақавӣ принсипи адолати иҷтимоӣ татбиқ мегардад, ки чораи муайяни баробарсозии ҳолати шаҳрвандон, таъсиси низоми кафолатҳои иҷтимоӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолиро дар назар дорад. [4, с. 51]

Механизми танзими даромади аҳолиро мавриди баррасӣ қарор дода, се звенои асосиро ҷудо намудан мувофиқи мақсад аст, ки дар раванди баҳамтаъсиркунӣ мақсади асосии механизми танзимро оид ба таъмини тафриқаи асоснок дар сатҳи зиндагии аҳолиро татбиқ мекунанд. Дар ин сегонаи механизмҳои танзим, нақши муҳимро механизми давлатии танзими давлатии даромади аҳолӣ мебозад. Байни сабабҳои объективие, ки ин ҳолатро асоснок мекунад, қодир набудани механизми бозорӣ дар иқтисодиёт ба ҳолати оптимуми ҷамъиятӣ, қарор доштани теъдоди зиёди одамон дар хатти камбизоатӣ, мавҷудияти бекорӣ, теъдоди зиёди минтақаҳо бо дарҷаи пасти даромад, ҷинояткориҳо дар фаъолияти иқтисодӣ, тафриқаи тезутунди даромади аҳолӣ ва ғайраро қайд намудан мумкин аст. Ҳамчун унсури муҳими таркибии механизми танзими давлатии даромадҳои аҳолӣ шаклҳо ва фишангҳои вай мебошанд, ки раванди таъсиррасонӣ ба даромади аҳолиро таъмин мекунанд. Аз байни онҳо шаклҳои буҷетӣ, андозӣ, пулӣ - қарзӣ ва институтсионалии танзими даромадҳои аҳолиро ҷудо намудан мумкин аст (ниг. ба расми 1).

Танзими буҷетӣ аз ҷониби давлат, тавассути маблағгузории барномаҳои мухталифи иҷтимоии рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигарҳо) ва пардохти траснсфертҳои иҷтимоӣ татбиқ мегардад. Фишанги муҳими танзими буҷетӣ субсидия ба нархҳо ба ҳисоб меравад, вақте ки як қабил хизматрасониҳо ба таври ройгон ё бо

нархҳои паст (таҳсилот, хизматрасонии тиббии ройгон, пардохти як қисми хизматрасониҳои манзилӣ) расонида мешаванд. Бо воситаи буҷети давлатӣ, ҳамчунин бозтақсими даромади аҳолӣ дар таъмини сатҳи мӯътадили некӯаҳволии қишри камтаъминбудаи ҷамъият ба амал оварда мешавад. Дар доираи таъмини буҷетӣ ба муқаррар намудани ҳадди ақали пардохти меҳнат, ҳаҷми нафақа, кӯмакпулиҳо ва ғайра диққати бештар дода мешавад.

Танзими андозӣ барои бозтақсими фаъолияти давлат истифода шуда, фишангҳои асосии он меъёри прогрессивиии андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андоз аз молу мулк, андози аксизҳо ва андоз аз даромади фаъолияти соҳибкорон ба шумор меравад. Фишангҳои зерини танзими даромади аҳолӣ истифодаи маҷмӯиро талаб менамояд, аз ин рӯ давлат бояд ба интихоб ва истифодаи фишангҳои гуногуни танзим эҳтиёткорона муносибат кунад.

Яке аз фишангҳои муҳимтарини таъсиррасонии шакли пулӣ - қарзӣ ба даромади аҳолӣ гузаронидани амалиёт дар бозори асъор, бозори коғазҳои қиматнок, танзими эммисияи воситаҳои пулӣ ва нархҳо баромад карданаш мумкин аст. Лекин, дар шароити иқтисодии табаддулотӣ ҳангоми танзими даромади аҳолӣ усулҳои буҷетӣ - фискалӣ бештар истифода мешаванд. Танҳо тавассути дахолати мустақим ба равандҳои ташаккулёбӣ ва тақсими даромад ҳукумат қодир ҳаст, ки низомро аз табдилёбӣ ба ҳолати танқидӣ нигоҳ дорад.




Расми 1– Шаклҳо ва усулҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ*

**Сарчашма: таҳияи муаллифон*

Дар татбиқи ҳадафҳои давлат дар соҳаи иҷтимоӣ нақши муайянро усулҳои танзим мебозад. Зери усули танзими давлатӣ, мо тарзҳои таъсиррасонӣ ба даромади аҳолиро дар назар дорем. Усул абстраксияи муайян буда, таъсири бевосита ба равандҳои иқтисодӣ бо ёрии фишангҳо амалӣ мегардад. Давлат дар фаъолияти танзимотии худ, маҷмуи усулҳои танзимро истифода мебарад. Истифодаи усулҳои гуногунро ба таври маҷмуӣ амалӣ намудан зарур аст, зеро баррасии алоҳидаи яке аз он бидуни алоқамандӣ ба дигарон ба мухолифат дар хулосабарорӣ оварданаш мумкин аст.

Ба андешаи мо, сарҳади таъсири давлат ба даромади аҳолӣ аз низоми ҷамъиятӣ - иқтисодӣ вобастагӣ дошта, ба ҳиссаи бахши давлатӣ дар иқтисодиёт муайян мегарданд.

Тарзҳои танзими даромадҳои аҳолӣ дар зимни реҷаи тоталитарӣ ба мутлақ будани афзалияти манфиятҳои ҷамъиятӣ нисбат ба шахсият муайян мегарданд, ки ба таври боваринок мавҷудияти механизми устувори давлатиро, ки ба назорати андозаҳои даромади аҳолӣ ва таъсиррасонӣ ба он тавассути танзими ҳудудҳои иҷозатшуда равона гардида буд, асоснок менамуд. Муфассалтар онро дар расми навбатӣ дидан мумкин аст, ки дар он ҷо тамсилаи баробарсозии буҷет овардашудааст (ниг. ба расми 2).

Амалан, ин истифодаи афзалиятноки буҷети давлатро ҷиҳати ҳадафҳои ҷамъиятиву иқтисодӣ ифода намуда, «бақия» - и он барои истеъмолоти шахсӣ тақсим мешуд. Таъсири ин принсип ҳамчунин дар иқтисодиёти табаддулотӣ боқӣ мемонад ва имконоти ҳалли масъалаҳоеро, ки танзими даромади аҳолиро таъмин месозанд, маҳдуд менамояд. Дар иқтисодиёти нақшавӣ усули асосии танзими даромади аҳолӣ маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба қувваи ҳокимият асос меёфт. Дар ин ҳол, ҳамаи масъалаҳои тақсим ва бозтақсими даромад дар маркази ягона ҳал карда мешуд.




Расми 2 – Тамсилаҳои асосии баробарсозии буҷетӣ*

**Сарчашма: таҳияи муаллифон*

Ба фикри мо, ҳангоми интихоби усулҳо ва фишангҳои танзими даромади аҳолӣ ба ҳисоб гирифтани шароитҳои муайяни рушди ҷомеа, таҷрибаи танзим ва имконоти иқтисодии давлат зарур аст. Усулҳои танзими даромади аҳолиро аз рӯи хислати таъсиррасонӣ ва тарзи татбиқнамоӣ фарқ мекунанд.

Аз рӯйи хислати таъсиррасонӣ ба даромад усулҳои маъмурӣ – ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва мувофиқакардашударо фарқ мекунанд.

Усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба истифодаи санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ асос ёфта, тавассути низоми меъёрҳо ба қоидаҳои муқарраршуда татбиқ мегарданд. Низоми меъёрҳо ва қоидаҳои қонунгузорӣ шаклҳо, шартҳо ва уҳдадориҳо дар соҳаи даромади аҳолиро ба танзим медароранд. Бо воситаи қонунҳои давлатӣ самтҳои зерини ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ ба танзим даровара мешаванд: андози ҳадди ақали музди меҳнат, нафақа ва кӯмакпулии ҳадди ақали зиндагӣ. Илова бар ин, тавассути санадҳои ҳуқуқӣ таъсиррасонӣ ба чунин унсурҳои таркибии даромади аҳолӣ ба монанди бадастории мерос, ҳадя ва дигарон амалӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои ояндадори коҳиши бекорӣ ва баландбардории сатҳи даромадҳои аҳолии деҳот рушди саноат дар деҳот ба ҳисоб меравад. Бунёди корхонаҳои нав ва рушди корхонаҳои мавҷудбуда дар кишвар барои воридшавии маблағҳои назаррас ба буҷетҳои сатҳҳои гуногунро таъмин намуда, боиси афзудани ҳиссаи захираҳои барои рушди иҷтимоӣ равонашаванда мегардад; ҷойҳои нави корӣ ташкил мегардад, ки барои коҳиши сатҳи бекории деҳот боис мегардад; ба кормандони соҳаи аграрӣ барои бадастории музди меҳнати сазовор мусоидат менамояд; ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодии худи корхонаҳо – сохтмони роҳҳо, бунгоҳҳо, мағозаҳо, кӯдакистонҳо, сохтмони биҳои истиқоматии нав оварда мерасонад, ки дар интиҳо сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳотро баланд мегардонад. [5, с. 13]

Бояд тазаккур дод, ки муаммои марказии танзими ҳуқуқии даромади аҳолӣ дар шароитҳои иқтисодиёти гузариш мустаҳкам намудани устувории заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар шароитҳои ислоҳоти низоми ҷамъиятӣ-иқтисодӣ аз сабаби тағйирёбиҳои ҷиддӣ ин устуворӣ вайрон мегардад. Чунин тағйиротҳо, ки дар шароитҳои бархӯрди қувваҳои мухталифи иҷтимоӣ - сиёсӣ ва манфиатҳои гурӯҳӣ ба миён омада, бо заиф гардидани ҳокимияти давлатӣ ва асосҳои институтсионалӣ сафарбар мегарданд, муаммои муҳими танзими меъёрӣ-ҳуқуқии иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд. Дар робитаи бо он, тахмин намудан мумкин аст, ки қабули санадҳои ҳуқуқии татбиқ нашаванда ё бо ягон сабабҳо ба таври зуд қатъшаванда, нишондиҳандаи заифии таъсири давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз ноустувории ислоҳотҳои гузаронидашаванда шаҳодат медиҳанд.

Мувофиқан, дар шароитҳои гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ таъсиси заминаи самараноки меъёрӣ-ҳуқуқии таъсири давлатӣ ба даромади аҳолӣ боварии шаҳрвандонро ба фаъолияти давлат дар ин соҳа таъмин менамояд.

Усулҳои ҳуқуқӣ бо усулҳои маъмурӣ ба таври зич алоқаманд, ба қувваи ҳокимияти давлатӣ такя менамояд ва хело гуногун мебошад.

Дар шароитҳои иқтисоди табодулотӣ усулҳои маъмурии танзим нақши ёрирасонро мебозанд. Истифодаи усулҳои маъмурӣ бо ҳифзи қишри осебпазири аҳолӣ, мубориза бо бекорӣ, муқаррар намудани кафолатҳои иҷтимоӣ маҳдуд мегардад. Аз байни усулҳои маъмурии танзим транфертҳои иҷтимоӣ нақши калонро мебозанд, чунки ба ҳалли вазифаҳои бозтақсими даромад ва коҳишдиҳии сатҳи тафриқаи онҳоро равона карда шудаанд. Ба усулҳои маъмурӣ ҳамчунин танзими нархҳо ба молҳо ва хадамотҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дохиланд.

Дар шароитҳои иқтисодиёти гузариш нақши танзими маъмурӣ духела аст. Аз як тараф, суст гардидани он бинобар тарки давлат аз соҳаи хоҷагидорӣ, дар натиҷаи хусусигардонӣ ва таъсиси бахши ғайридавлатӣ, ва аз дигар тараф – нигоҳдоштани ҳифзи ҳудуд, ки усулҳои маъмурӣ заруранд. Дар навбати аввал, ин вазифаи бозтақсими даромадҳост, ки аз ҳалли онҳо сатҳи зиндагии аҳолӣ, инчунин вазъи иҷтимоӣ дар ҷомеа вобастагӣ дорад. Лекин, дар

шароити бозор давлат бештар ба истифодаи усулҳои иқтисодӣ такя менамояд ва ин механизми танзим, аз усулҳои маъмурӣ ба иқтисодӣ рӯй меорад.

Дар танзими даромадҳои аҳолӣ нақши муҳимро усулҳои иқтисодӣ мебозанд, ки бо ёрии онҳо тавозун байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ таъмин гардида, ба рушди ҳамаҷонибаи истеҳсолот ва бадастории даромад таъсис дода мешаванд. [12, с. 85] Усулҳои асосии иқтисодии танзими даромад усули пулӣ - қарзӣ ва буҷетӣ - фискалӣ ба ҳисоб меравand. Усулҳои мазкур ба муносибатҳои бозорӣ мувофиқат менамояд ва тавассути зербанои бозор ба истеҳсолкунандагон таъсир намуда, устувории низоми иқтисодӣ ва бадастории даромад аз ҷониби аъзоёни ҷамъиятро таъмин менамояд.

Дар шароити бозор нақши муҳимро дар масъалаи муқаррарсозии андозаи музди меҳнат ва пардохти иҷтимоӣ усулҳои мувофиқаткунонӣ мебозанд. Ғояи мазкур, ки аз ҷониби Л. Эрхард ва Р. Благ коркард шудааст, баҳисобгирии манфиатнокии субъектони хоҷагидор дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ ва ташаккули даромади онҳоро дар назар дорад. [13] Моҳияти он дар таъсиси комиссияҳои сеҷониба аз ҳисоби намояндагони ҳукумат, корфармоён ва кормандони кироя барои бастани созишномаҳое, ки сатҳи пардохти меҳнати кормандон ва дигар пардохтҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, ифода меёбад. Ин созишномаҳо масъалаҳои андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, меъёрҳои тарофавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, индекатсияи даромадҳо ҳангоми баландшавии нархҳо ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Аз рӯи тарзи таъсиррасонӣ усулҳои танзими давлатии даромадҳо ба мустақим ва ғайри мустақим ҷудо мешаванд.

Усулҳои мустақим тавассути сиёсати буҷетӣ (сохтори хароҷотҳо, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ равона гардидаанд, пардохти трансфертҳои иҷтимоӣ), андозӣ (муайян намудани намудҳои муайяни андозҳо аз даромад ва амволи аҳолӣ, инчунин тартиб ва муҳлати пардохти онҳо) ва сиёсати нархӣ (субсидиякунонии нархҳо барои молҳо ва хизматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим барои камбизоатон, пардохти қисмии хадамотои коммуналӣ ва ғ.) татбиқ мегардад.

Бо ёрии усулҳои ғайримустақим ҳавасмандии иқтисодии субъектони бозор дар афзунгардонии даромади худ ба амал оварда шуд, тавассути сиёсати андозӣ (озодкунии соҳибкорон аз пардохти андозҳо дар марҳилаи ибтидоии ташкили фаъолият, имтиёзҳои андозӣ барои камбизоатӣ ва ғ.), сиёсати пулӣ-қарзӣ (амалиёт бо қарзҳои қимматноки давлатӣ дар бозори фондӣ, фурӯши асъор ва ғ.) ва сиёсати буҷетӣ (кӯмак дар ташкили фаъолияти худ, маблағгузории барномаҳои иҷтимоии алоҳида ва диг.) татбиқ мегардад.

Унсури дигари муҳими механизми давлатии даромади аҳолӣ фишангҳо мебошанд. Зери фишангҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ маҷмуи воситаҳо, олотҳо (трансфертҳои иҷтимоӣ, нархҳо, тарофаҳо, андозҳо ва диг.) татбиқ мешаванд, ки аз ҷониби давлат барои таъмини тақсимоти баробарандоза байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва рафъи фарқгузории беасос дар сатҳи даромади аҳолӣ истифода бурда мешавад. Фишангҳои танзим дар доираи усулҳои асосӣ ҷудо гардида, ҳамчун ҷузъи таркибии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Истифодаи маҷмуии фишангҳои таъсиррасонӣ ба даромади аҳолӣ аз ҷониби давлатро дар асоси танзими ҳадди ақали музди меҳнат, андозбандии прогрессивӣ, индексатсияи даромадҳо ва пардохтҳои трансфертӣ мушоҳида намудан мумкин. Дар шароитҳои муносибатҳои бозорӣ дар танзими музди меҳнат муносибатҳои давлат тағйир меёбад. Ба ҷои таъсири умумии давлатӣ усулҳои ғайримустақими танзим мавриди истифода қарор дода мешаванд, яъне андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ва меъёрҳои тарофавӣ дар соҳаи буҷетӣ муқаррар мегарданд.

Сарҳадҳои поёнии даромад дар асоси ҳадди ақали аз ҷониби давлат муқаррар шудаи музди меҳнат, ки андозаи он дар ҳар як давлати алоҳида қимматҳои гуногунро дошта, аз имконоти иқтисодии давлат, хусусиятҳои миллӣ, шароитҳои иқлимӣ вобаста аст. Вазифаи муқаррарсозии ҳадди ақали музди меҳнат дар кафолати чунин даромад ба кормандон, ки такрористеҳсолӣ қувваи кориро бояд таъмин намоянд, ифода меёбад. Дар ҷадвали 1 андозаи ҳадди ақали музди меҳнат аз рӯйи давлатҳои ИДМ оварда шудааст.

Ҷадвали 1

Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат (бо долл. ИМА)*

| Кишварҳо | Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат (бо долл. ИМА) |
|---|---|
| Русия | 266 |
| Белорусия | 200 |
| Арманистон | 174 |
| Қазоқистон | 134 |
| Ўзбекистон | 89 |
| Тоҷикистон | 60 |
| Қирғизистон | 25,6 |
| Озорбойҷон | 185 |

**Сарчашма:* *https://mir24.tv/news/16521857/minimalnyi-razmer-oplaty-truda-v-stranah-sng-i-gruzii-infografika*

Айни ҳол вай дар асоси ҳадди ақали зиндагӣ муайян мегардад. Ҳадди ақали зиндагӣ ифодаи пулии арзиши маҳсулоти озуқа, молҳои ғайриистеъмолӣ ва хизматҳое, ки бояд шароитҳои минималии такрористеҳсолӣ кормандро таъмин намоянд, ба ҳисоб меравад. Лекин, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақали зиндагӣ ба ҳадди ақали физиологӣ мувофиқ гардонида шудааст, яъне ҳадди ақали музди меҳнат, ки дар асоси ҳадди ақали зиндагӣ ҳисоб карда шудааст, ҳатто ба сарҳади поёнии арзишии қувваи корӣ баробар набуда, барои таъмини такрористеҳсолӣ мўътадили он қодир нест.

Аз сатҳи пастии ҳадди ақали музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин таносуби он нисбат ба музди миёна шаҳодат медиҳад. Дар соли 2000 вай 6,5 % ташкил медод, дар он ҳоло ки дар мамолики мутараққӣ ин таносуб аз 30% то 60%-ро ташкил медиҳад ва аз ҳадди ақали зиндагӣ якчанд маротиба боло аст. Масалан, дар Нидерландия, Дания, Олмон ва Белгия ҳадди ақали музди меҳнат тақрибан 50% - и сатҳи миёнаи онро ташкил дода, дар Фаронса қариб 60% мебошад. [9, с. 7]

Ҳадди ақали музди меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, қайд кардан зарур аст, ки вай дар муқоиса бо дигар давлатҳои ИДМ аз ҳама пастарин ба ҳисоб меравад. Тавассути ҳадди ақали музди меҳнат ҳамчун фишанги танзими даромадҳо ва музди меҳнат, давлат ҳудудеро муйян мекунад, ки пасттар аз он даромадҳои аҳолӣ поён фаромада наметавонанд. Сатҳи вай аз ММД – и кишвар, арзиши маҷмўи молҳо ва хизматҳои ба ҳадди ақали зиндагӣ шомилгардида вобастагӣ дорад.

Дар бахши ғайридавлатӣ танзими меҳнати кормандон бо ёрии чунин фишанг ба монанди созишномаҳои коллективӣ дар доираи шарикии ба амал оварда мешавад. Ҳамчун асоси ҳуқуқии бастани созишномаҳои коллективӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» аз 25.11.1992 с. ба ҳисоб меравад. Қабули қонуни мазкур мебоист оғози муносибатҳои нав байни субъектони бозори меҳнат гардад, лекин дар амалия шароитҳо барои татбиқи он таъсис дода нашудаанд. Тавре таҷрибаи ислоҳотҳо нишон медиҳанд, низоми мавҷудаи шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи музди меҳнат ба таври суст таъсир мерасонад, зеро ниҳодҳое, ки манфиатҳои ҳам кормандони кироя ва ҳам корфармоёнро ҳимоя мекунанд, ҳоло ба таври суст рушд ёфтаанд. Дар созишномаҳои басташаванда, мураккабӣ ва шароитҳои меҳнат ба таври кофӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд, алоқамандии байнисоҳавии андозаҳои меъёрҳои тарофавӣ таъмин карда намешавад. [3] Дар қонуни зикргардида механизмҳои муайяни батанзимдарории пардохти меҳнат вуҷуд надошта, дар аксари корхонаҳо шартномаҳои коллективӣ баста намешавад.

Бо назардошти ин ҳолатҳо ва барои баландабардории нақши шарикии иҷтимоӣ дар раванди батанзимдарории пардохти меҳнат, ба фикри мо, истифодабарии низоми меъёрҳо ва

низомномаҳои бо созишномаҳои ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ мувофиқ гардонидашуда, инчунин иҷрои ҳатмии онҳо аз ҷониби корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият зарур аст.

Ҳамин тариқ, истифодаи пардохти ҳадди ақали меҳнат ва низоми тарофавӣ ба сифати фишанги танзими давлатии даромади аҳолӣ дар шароитҳои ислоҳоти иқтисодиёт механизми мураккаб ба ҳисоб рафта, бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва ҳолати низоми буҷетӣ вобастагии қавӣ дорад.

Андозбандӣ усули навбатии танзими давлатии даромадҳои аҳолиро ифода менамояд, ки зимни он андоз ҳамчун фишанги таъсиррасонӣ ба даромад мавриди истифода қарор дода мешавад. [6, с. 281] Батанзимдарории андозӣ аз ҷониби давлат бозгирифт намудани қисми даромадҳои аҳолӣ аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда барои таъмини эҳтиёҷоти умумидавлатӣ ва бозтақсим тавассути трансфертҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои бештар эҳтиёҷманди аҳолиро ифода менамояд.

Айни замон андоз аз даромади шахсони воқеӣ фишанги муҳимтарини батанзимдарории даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми истифодаи меъёри прогрессивии андозбандӣ, меъёри андоз ҳангоми афзудани заминаи андозбандӣ меафзояд. Ин дар навбати худ барои зиёд намудани воридоти андозӣ ба буҷети кишвар имкон дода, ҳамчунин барои аз байн бурдани шиддатнокии иҷтимоӣ дар давлат таъсир мерасонад. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ яке аз манбаъҳои асосии даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ҳиссаи вай мухталиф аст. Масалан дар Британия Кабир зиёда аз 30% - и ҳамаи воридоти андозӣ, ИМА – 40%, Олмон 37% - ро ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-резидент аз ҷойи кори асосӣ зиёда аз тарҳи шахсӣ бо меъёри 12% андозбандӣ карда мешавад. Бадасторандаи асосии андози мазкур мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре аз расми 3 бар меояд, ҳиссаи андоз аз даромади воқеӣ дар ҳаҷми умумии воридоти андози вилояти Суғд 10,5% - ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии вазни қиёсии пасти андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд, аз рӯйи ақидаи мо, сатҳи на он қадар баланди зиндагии аҳолии минтақа ба ҳисоб меравад.




Расми 3. – Ҳиссаи андозҳо дар ташаккули буҷети вилояти Суғд дар соли 2021*

*Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С. - 484*

Дар низоми фишангҳое, ки барои танзими даромади аҳолӣ истифода мешаванд, индексатсияи даромад, ки бо афзоиши нархҳо ва рақобат ба таври зич алоқаманд аст,

мебозад. Зери индексатсияи даромади аҳолӣ механизми давлатӣ, ки ба нигаҳдорӣ ва барқароркунии қобилияти харидории даромадҳои меҳнатӣ ва дигар даромадҳои бадастовардашуда фаҳмида мешавад. Индексатсияи даромадро барои қишри осебпазири ҷамъият, аз қабили нафақахӯрон, маъюбон, оилаҳои серфарзанд махсусан муҳим аст ва бояд, аз рӯйи гурӯҳҳои аҳолӣ тафриқабандӣ карда шавад.

Дар низоми фишангҳое, ки барои танзими давлатии даромади аҳолӣ истифода мешаванд, индексатсияи даромадҳо нақши муҳимро мебозанд, ки бо афзоиши нархҳо ва рақобат алоқамандии зич дорад. Дар шароитҳои иқтисодиёти трансформатсионӣ вуҷуд надоштани муҳити рақобат ба он оварда мерасонад, ки механизмҳои бозории афзоиши таваррумро боздоранда ба таври нокифоя инкишофёфта мегарданд ва нархҳои озод на ҳавасмандии афзоиши самаранокии истеҳсолот, балки баръакс ба омили коҳиши даромади аҳолӣ ва қобилияти харидории онҳо мубаддал мегарданд.

Зери индексатсияи даромади аҳолӣ механизми давлатӣ, ки ба дастгирӣ ва барқарорсозии қобилияти харидории даромади меҳнатии бадастовардашуда равона гардидааст, фаҳмида мешавад. Индексатсияи даромад барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ (нафақахӯрон, маъюбон ва оилаҳои серфарзанд, инчунин ҷавонони таҳсилкунанда) махсусан муҳим буда, бояд аз рӯйи гурӯҳҳои аҳолӣ тафриқабандӣ карда шавад.

Индексатсияи даромади аҳолӣ механизми зиёд кардани даромад ва пасандозҳои пулии шаҳрвандон буда, он барои қисман ё пурра ҷуброн намудани болоравии нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ имкон медиҳад.

Индексатсия ҷузъи системаи умумидавлатии ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон мебошад ва барои нигоҳ доштани қудрати харидории даромад ва пасандозҳои пулии онҳо, хусусан табақаҳои камбизоати аҳолӣ: нафақахӯрон, маъюбон ва оилаҳои серфарзанд, инчунин ҷавонони таҳсилкунанда нигаронида шудааст.

Ҳамчун фишанги танзим, индексатсияи даромади аҳолӣ бояд қисман ё пурра талафоти даромад аз афзоиши нархҳоро товон намояд. Ҳамчун асоси ҳуқуқии амалисозии индексатсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» ба ҳисоб меравад.

Ҳамчун манбаи воситаҳо барои индексатсияи даромади аъзоёни ғайри қобили меҳнати ҷомеа ва дар ташкилотҳои буҷетӣ машғулбуда маблағҳои буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, барои кормандони соҳаи ғайрибуҷетӣ маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо ба ҳисоб меравад. Индексатсия метавонад бо дигар усулҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ (аз нав дида баромадани музди меҳнат, андозаи нафақа, ёрдампулиҳои иҷтимоӣ ва ғайра) тавъам гардад ва дар баъзе мавридҳо онҳоро иваз намояд.

Ба сифати фишанги танзими даромади аҳолӣ ҳамчунин трансфертҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд, ки тавассути онҳо давлат функсияи иҷтимоии танзимро татбиқ менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар амалияи ҷаҳонӣ нақши трансфертҳои иҷтимоӣ аз ҷониби мутахассисон ба таври мухталиф арзёбӣ мегардад, гарчанде тамоили коҳиши нақши онҳо ҳамчун фишанги танзимотӣ бештар зоҳир мегардад. Ба андешаи мо, ҳамчун фишанги танзими давлатии даромади аҳолӣ, трансфертҳои иҷтимоӣ аҳамияти калонро дорад, зеро ба табақаи камтаъмини аҳолӣ имконоти иловагии молиявиро барои баландбардории сатҳи зиндагии онҳо таъсис медиҳанд ва ба неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дастрасиро боз менамоянд.

Мувофиқан, шаклҳо, усулҳо ва фишангҳои механизми танзими давлатии даромади аҳолӣ раванди таъсири давлатии мақомотҳои давлатӣ ба даромади аҳолиро бо мақсади таъмини некӯаҳволии одамон ва коҳиши фарқгузорӣ дар сатҳи даромади онҳо таъмин менамоянд. Дар шароитҳои муносибатҳои бозорӣ давлат зимни интихоби шаклҳо ва усулҳои таъсиррасонӣ ба даромадҳо ба усулҳои иқтисодӣ бештар афзалият медиҳад, лекин ҳамчунин нақши усулҳои мувофиқакунонӣ, ки манфиати субъектони бозориро дар раванди тақсимотӣ пешбинӣ менамояд, баланд мегардад.

Афзалияти омилҳои иҷтимоӣ барои мустаҳкамии давлат, барои рушди механизмҳои масъулиятнокии колективӣ ва қабули қарорҳо ба таври демократӣ, шарикии иҷтимоӣ ва ба

таври принсипиалӣ муҳим аст. Дар ин ҳол гузаронидани сиёсати адолатнок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар соҳаи тақсимоти даромадҳо муҳим аст. Дар ин маврид, сиёсати нави иқтисодӣ, ба фикри мо, бояд ба баландбардории даромадҳои табақаҳои бештар камбизоати аҳолӣ ҳангоми коҳишдиҳии тафриқаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ғайримақбул равона карда шавад.

Ба ақидаи мо, ба асоси чорабиниҳои гузаронидашаванда принсипи мутобиқсозии максималии даромадҳои ҷории аҳолӣ ба кӯшишҳои қонунӣ ва гузаштаи меҳнатӣ гузошта шавад. Таҷрибаи мамлакатҳои ғарб аз он шаҳодат медиҳад, ки тағйиротҳои иқтисодӣ бидуни сафарбаркунии иқтидори иҷтимоӣ ва таъсиси шароитҳо барои татбиқи манфиатҳо ва имкониятҳои табақаҳои васеъи аҳолӣ самараи зарурӣро намедиҳанд. Дар ин ҳол, ба назар гирифтани на танҳо давраи ҷорӣ муҳим аст. Асосӣ сафарбар намудани омилҳои таъсирашон тӯлонӣ ва истифодабарии ҳар чӣ пурраи онҳо дар низоми бозорӣ мебошад.

Яке аз механизмҳои танзими давлатии даромади аҳолӣ дар минтақа шарикии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки таъсири мутақобилаи баробарҳуқуқии ниҳодҳои давлат ва худидоракунии маҳаллӣ, бизнес ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъсисдиҳии муҳити мусоиди иҷтимоӣ ва таъмини ризояти ҷамъиятӣ дар асоси тавозуни манфиатҳо ва талаботҳои ҷамъиятӣ, баландбардории сатҳи муваффақи иҷтимоиро ифода менамояд. Самтҳои асосӣ оид ба рушди шарикии ҷамъиятӣ инҳоянд:

- таъсиси ниҳодҳое, ки баҳисобгирии манфиати ҳар як субъектони сиёсати даромадро дар ҷустуҷӯи муштараки роҳҳои ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин мекунанд;
- таъмини амалкунии мутақобилаи субъектони сиёсати минтақавии даромадҳо дар ҳалли масъалаҳои баҳсталаб;
- муттаҳидсозии воситаҳои молиявии ҳар яке аз тарафҳои шарикии ҷамъиятӣ дар маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ – иқтисодии рушди минтақа;
- таҳияи шаклҳо ва усулҳои назорат аз болои амалишавии сиёсат бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи тарафҳои шарикии ҷамъиятӣ

Ҳамин тариқ, айни замон яке аз мақсади стратегӣ дар ташаккули шароитҳо барои таъмини даромад на кам аз ҳадди ақали зиндагӣ барои ҳамаи шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди минтақаи алоҳида истиқомат мекунад, ба ҳисоб меравад. Барои аз байн бурдани камбизоатии иқтисодӣ чораҳои хислати умумииқтисодиро андешидан лозим аст, аз ҷумла мусоидат намудан ба шуғлнокӣ, баландбардории музди меҳнат, такоммулдиҳии сиёсати андозӣ, баробар намудани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ва ба монанди ин.

## ПАЙНАВИШТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.11.2021 с., таҳти №549 Реҷаи дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj (санаи муроҷиат: 09.12.2022)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» аз 27.12.1993 с., таҳти №892 - Реҷаи дастрасӣ: URL: mmk.tj (санаи муроҷиат: 16.02.2023)
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» аз 28.07.2006, №202 - Реҷаи дастрасӣ: URL: mmk.tj (санаи муроҷиат: 09.01.2023)
4. Абдукодиров Х.А. Институциональная реформа и развития социальной инфраструктуры в трансформационной экономике Республики Таджикистан. //Материалы республиканской научно-практической конференции посвящённой: «Правовые основы и развития общества» – Худжанд, 2016. – С. 47-55.
5. Абдукодиров Х.А. Современные аспекты развития блоков инфраструктуры национального хозяйства в условиях реализации рыночных реформ/ монография/– Худжанд. Хуросон, 2019. – 264 с. ISNB 978-99947-50-75-7.
6. Алимов, А. А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А. А. Алимов, А. М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. – 2011. – № 6. – С. 278-284.

7. Атоходжаева М.А. Способы и методы измерения уровня жизни в экономике / М.А. Атоходжаева // Вестник ТГУПБП. Серия гуманитарных наук. Худжанд, 2013. №2 (54). С. 117-124
8. Зокирова Ш.М., Негматова Ш.Ғ. Таҷрибаи хориҷии рушди хоҷагии хонаводагӣ ва имкониятҳои мутобиқгардонии он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.М. Зокирова, Ш.Ғ.Негматова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2020. -№1 (82). - С. 62-70
9. Иноземцев В. В авангарде прогресса: социальная политика в ЕС / В. Иноземцев // МЭ и МО. — 2002. - №2. — С. 3 - 14.
10. Кадыров Д.Б. Механизм регулирования доходов населения. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 153 с.
11. Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. - 508 с.
12. Саиджонов С.Ш. Методы государственного регулирования доходов населения в Республике Таджикистан. Научно-теоретический журнал «ВЕСТНИК ТГУПБП», №2 (54), 2013. С. – 84-94
13. Эрхард Л. Благосостояние для всех. М.: Дело, 2001. 332 с.

REFERENCES

1. Tax Code of the Republic of Tajikistan. Resolution of the Assembly of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated 03.11.2021, under №549. Table of Contents: URL: https://www.andoz.tj (date of application: 09.12.2022)
2. Law of the Republic of Tajikistan «On indexation of the population's income taking into account the prices of consumer goods and services» dated 27.12.1993, under №892 - Reference mode: URL: mmk.tj (date of application: 16.02.2023)
3. Law of the Republic of Tajikistan «On social partnership, agreements and collective contracts» dated 28.07.2006, №202 - Table of contents: URL: mmk.tj (date of application: 09.01.2023)
4. Abdukodirov Kh.A. Institutional reform and development of social infrastructure in the transformational economy of the Republic of Tajikistan. //Materials of the republican scientific-practical conference dedicated to: «Legal foundations and development of society» - Khujand, 2016. - pp. 47-55
5. Abdukodirov Kh.A. Modern aspects of the development of infrastructure blocks of the national economy in the context of the implementation of market reforms / monograph / - Khujand. Khuroson, 2019. - 264 p. ISNB 978-99947-50-75-7.
6. Alimov, A. A. Tax reform and the tax burden in the conditions of the transitional economy of Tajikistan / A. A. Alimov, A. M. Mamurov // Scientific Review. Series 1: Economics and Law. - 2011. – №6. - pp. 278-284
7. Atohodjaeva M.A. Ways and methods of measuring the level of life in the economy / M.A. Atokhodzhaeva // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, 2013. № 2 (54). pp. 117-124
8. Zokirova Sh.M., Negmatova Sh.G. The foreign experience of the development of the household economy and the possibilities of its adaptation to the economy of the Republic of Tajikistan [Text] / Sh.M. Zokirova, Sh. G. Negmatova // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, 2020. - №1 (82). - pp. 62-70
9. Inozemtsev V. In the forefront of progress: social policy in the EU / V. Inozemtsev // ME and MO. - 2002. - №2. - pp.3 - 14
10. Kadyrov D.B. The mechanism of regulation of incomes of the population. - Dushanbe: Irfon, 2003. - 153 p.
11. Statistical Annual of the Sughd region. The Central Directorate of the Agency for Statistics under the Auspices of the President of the Republic of Tajikistan in Sughd region. Khujand, 2022. - 508 p.
12. Saidjohnov S.Sh. Methods of State Regulation of Incomes of Population’s Incomes in the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, 2013. №2. – pp. 84-93
13. Erhard L. Welfare for all. M.: Delo, 2001. 332 p.